# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036 назди
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа
(PhD)

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24.09.2022, № 19

Барои сазовор донистани Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи **«Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)»** аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, таҳти №90) аз 1 июни соли 2022, суратмаҷлиси № 5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна 23-уми майи соли 1990 дар ҷамоати деҳоти Шитхарв (ҳоло Вахон), деҳаи Шитхарви ноҳияи Ишкошим дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2008 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 15-и ба номи Салим Ризоеви ҳамин деҳаро хатм намудааст.

Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, дар зинаи бакалавриат дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси забоншинос, муаллими забони англисӣ хатм намудааст.

Соли 2013 ба шуъбаи магистратура дохил шуда, онро соли 2015 бо ихтисоси муаллими забони англисӣ, бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2015 ба шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар бахши забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021300 дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна аз соли 2019 то соли 2020 ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва аз соли 2021 то ин ҷониб ба вазифаи мудири бахши сармоягузорӣ ва дарёфти грантҳо дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият карда истодааст. Ҳамзамон, дар кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи мазкур ба ҳайси

ассистенти кафедра аз фанни забони англисӣ ба донишҷӯён дарс дода истодааст.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)» дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Матробиён Саодатшо Қосимзода** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, дотсенти забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Мушовири илмӣ: Мамадназаров Абдусалом** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризонӣ расмӣ:**

1. **Парвонахон Ҷамшедов** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
2. **Азизова Мастона Ҳамидовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», номзади илмҳои филологӣ, дотсент Олматова Шарофат Сафаралиевна имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлатзода Сайфиддин Хайриддин тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна таҳти унвони «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)» кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок

менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 11 мақола ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муалифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**[1-М]. Парвоева, Н.З.** Муқоисаи маъноии воҳидҳои фразеологии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ ва англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018, № 3. – С. 115-118. ISSN2413-516X.

**[2-М]. Парвоева, Н.З.** Робитаи маъноии зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018, № 4. – С. 42-45. ISSN2413-516X.

**[3-М]. Парвоева, Н.З.** Инъикоси муносибати инсон ба меҳнат дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ (дар муқоиса бо забони англисӣ) [Матн] / Н. З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019, № 1. – С. 155- 159. ISSN2413-516X.

**[4-М].** Матробиён, С.Қ., **Парвоева, Н.З.** Муқоисаи хусусиятҳои этнолингвистии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ (дар мисоли соматизмҳо) [Матн] / С.Қ. Матробиён, **Н.З. Парвоева** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, № 7. – С. 27- 32. ISSN2413-516X.

**[5-М].** Мамадназаров, А., **Парвоева, Н.З.** Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ дар муқоиса бо забони англисӣ [Матн] / А. Мамдназаров., Н.З. Парвоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. - № 2 (46). – С. 12-18. ISSN 222-9355.

2) **Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар маҷмуаҳои илмӣ:**

**[6-М]. Парвоева, Н.З.** Структурно-грамматические лексические особенности пословиц и поговорок ваханского и английского народов [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишкадаи забонҳо, №3 (23). Душанбе, – 2016. – С. 61- 65. ISSN 222-9355.

**[7-М]. Парвоева, Н.З.** Лексико-семантическое пословицы и поговорки в ваханском и английском языках [Текст] / Н.З. Парвоева // Материалы международный научно-практической конференции «Русский язык в современных реалиях» посвященной году Туризма и народных ремесел. – Душанбе, 2018. С. 49-55.

**[8-М]. Парвоева, Н.З.** Нақши зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун инъикоскунандаи фаъолияти якҷояи одамон [Матн] / Н.З. Парвоева // Нақши тарҷума дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон 25-уми январи соли 2018». – Душанбе, 2018. С. 99-105.

**[9-М]. Parvoeva, N.Z.** Wakhi proverbs and sayings and their equivalents [Text] / N.Z. Parvoeva // Материалы XV международной научно-практической конференции молодых учёных и студентов, посвящённой «Годам развития села, туризма и народных ремесел (2019-2021)». Сборник тезисов. – Душанбе, 2020. С. 622.

**[10-М]. Парвоева, Н.З.** Ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм дар зарбулмасалҳои вахониву англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2020. С. 376-378.

**[11-М]. Парвоева, Н.З.** Акси муносибатҳои оилавию хешутаборӣ дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии ДССХ ва рӯзи байналмилалии забони модарӣ (19-уми феврали соли 2021). – Душанбе, 2021. С. 231-235.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд.**

Тақризи директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис мусбат буда, муқарриз ду эрод пеш овардааст, ки онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд:

1. Баъзе зарбулмасалу мақолҳое, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия мисол оварда шудаанд, тавзеҳталаб мебошанд. Бинобар ин хуб мешуд, агар муаллифи диссертатсия дар охир чунин зарбулмасалу мақолҳоро дар шакли замима оварда онҳоро шарҳ медод.
2. Муаллифи диссертатсия ба дастовардҳои забоншиносии хориҷӣ доир ба инкишофи забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ таваҷҷуҳи

бештар дода, аз муваффақиятҳои забоншиносии тоҷик дар замони муосир дар самти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ чизе иттилоъ надодааст.

Тақризи декани факултети забони англисиии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Малихина Лайли Шохимардоновна низ мусбӣ буда, дар он чунин эродҳо зикр шудаанд:

1. Ҳарчанд матни русии автореферат бо матни тоҷикӣ пурра мувофиқат намояд ҳам, аммо каме таҳрирталаб буда, дар он қоидаҳои дастурӣ ва имлоӣ баъзан сарфи назар шудаанд.
2. Хуб мешуд, агар муаллиф дар баробари транскрипсияи зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ шакли транслитератсияи онҳоро низ зикр мекард, то ин ки талаффузи калимаҳо низ фаҳмотар мешуд.

Тақризи мудири кафедраи мутолиоти аврупоии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич мусбӣ буда, дар он чунин эродҳо зикр гардидаанд:

1. Фаслҳо ва зерфаслҳои дисссертатсия хеле густурда мебошанд, агар бархе аз онҳо ба ҳам муттаҳид мешуд, беҳтар мебуд. Масалан, фаслҳои 1 ва 5-ум; 2-юм ва 3-юми боби аввал, фаслҳои 1-ум ва 2-юми боби сеюм.
2. Дар автореферат ғалатҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедари назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Мирбобоев Азизхон мусбӣ арзёбӣ шуда, дар он чунин камбудиҳо номбар карда шудаанд:

1. Хуб мешуд, агар дар номи рисола дар ҷойи калимаи «миллӣ-фарҳангӣ» танҳо вожаи «миллӣ» истифода мешуд.
2. Баъзе аз зарбулмасалҳо ба забони вахонӣ аз забони тоҷикӣ интиқол ёфта, аз назари овоӣ ба тағйирот дучор шудаанд. Бинобар ин, агар диссертант чунин зарбулмасалу мақолҳоро гурӯҳбандӣ менамуд, беҳтар мешуд.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян намудани баъзе эроду камбудиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии таҳқиқот, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ба яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақол аз назари забоншиносии қавмӣ ва фарҳангӣ дар мисоли забонҳои англисӣ ва вахонӣ, ки яке аз забонҳои шарқии эронии Тоҷикиситон маҳсуб меёбад, бахшида шудааст. Зарбулмасал ва мақол, ки унсури муҳимми забон ва маданияти миллӣ маҳсуб меёбанд, қоидаҳои

пойдор, таҷрибаи ғании мардум, урфу одатҳои такрорнашаванда, фасоҳати зиндагӣ ва шароити маишии ҳар як халқро дар худ таҷассум менамоянд. Зарурати омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ аз нуктаи назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ яке аз вижагиҳои муҳимми мавзуи таҳқиқотии мазкур ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсияи аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ ва қавмию фарҳангӣ кори илмии арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқоти мазкур дар асоси фарҳангҳои зарбулмасалу мақол ва луғатҳои дузабонаи забонҳои муқоисашаванда сурат гирифта, бори нахуст аз нигоҳи забоншиносии қавмӣ, фарҳангӣ ва муқоисавӣ коркард карда шудааст. Таҳлили вижагиҳои маъноӣ, сохторӣ ва миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоисаи бо зарбулмасалу мақолҳои забони англисӣ қисмати муҳимми мавзуи диссертатсия ба шумор меравад, ки дар илми забоншиносӣ мавқеи хосаро касб намуда, таҳқиқ ва баррасии он барои омӯзиш ва дуруст дарк намудани зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки пажӯҳиши зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар илми забоншиносии тоҷик алҳол мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Тазаккур бояд дод, ки зарбулмасалу мақолҳо нишондиҳандаи муҳимми тафаккури мардумӣ буда, бо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ робита доранд. Онҳо бо зеҳният, урфу одат, оин, зисту зиндагӣ ва сирати миллӣ вобастаанд. Забон як манзараи хоси ҷаҳонро инъикос намуда, ба шуур ва зеҳнияти дорандаи ӯ мутобиқат мекунад. Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқон, забон ба зеҳну тафаккури соҳибони худ таъсир расонида, маданияту фарҳангеро фаро мегирад, ки дар он ҷиҳатҳои хулқи миллӣ ва хусусияти нигориши ҷаҳон инъикос ёфтааст.

Зарбулмасалу мақолҳо вобастагии зеҳнияти хоси мардумро, ба мисли расму оин, зисту зиндагӣ ва ҷаҳонбинӣ дар бар мегиранд. Омӯзиш ва пажӯҳиши хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ равзанаи наверо дар таҳқиқоти илмии забоншиносии тоҷик мекушояд. Дар баробари инкишоф ёфтани забон ва ғанӣ гаштани захираи луғавии он аз ҳисоби унсурҳои забонӣ ба монанди зарбулмасалу мақолҳо, дуруст дарк намудани мазмуну муҳтаво ва воситаҳои муҳими тарҷумаи онҳо як қатор мушкилиҳои лексикӣ ва тарҷумавӣ ба миён меоянд, ки дар натиҷа таркиби луғавии забон ба тағйирот дучор мегардад. Муайян намудани омилҳои тағйироти таркиби луғавии забон яке аз вазифаҳои асосии забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Забонҳои англисӣ ва вахонӣ воҳидҳои муайяни забонии худро доранд. Аз ҷумла, дар забони англисӣ, ҳамчун забони серистифодатарини дунё, зарбулмасалу мақолҳои хеле фаровоне истифода мегардад, ки дорои хусусиятҳои хоси милии худ мебошанд, ки дар раванди забономӯзӣ ва тарҷума дар чаҳорчӯбаи забонҳои муқоисашаванда мушкилиҳои махсус эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, умумият ва фарқияти зарбулмасалҳо ва мақолҳоро танҳо тавассути

хусусиятҳои миллию фарҳангии онҳо метавон баръало мушоҳида кард. Зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ аз назари мавзуӣ таҳлил шуда, таснифоти онҳо ва хусусиятҳои хоси андешамандӣ ва ҷаҳонбинии халқу миллатҳо, арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои умумӣ ва хоси шинохти олами атрофи соҳибзабонон тавассути зарбулмасалу мақолҳо нишон дода мешавад ва чун **нуктаҳои асосии ҳимояшаванда** пешниҳод шудаанд.

Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои пажӯҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои забоншиносии муқоисавӣ, фарҳангӣ ва қавмӣ замина мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли мушкилиҳо ва масъалаҳои назариявӣ ва амалии самтҳои мазкури забоншиносӣ кумак мерасонад. Таҳқиқи хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ барои рушду инкишофи самтҳои забоншиносии муқоисавӣ, фарҳангӣ ва қавмии тоҷик ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи тарҷумонӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ дар илми забоншиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Дар диссертатсия хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони забоншинос ва фолклоршиноси хориҷӣ И.М. Снегирев, А.А. Потебня, И.В. Дал, Ф.И. Буслаев, О. Широкова, М.А. Рибникова, В.П. Фелитсина, С.Г. Гаврин, А.М. Бабкин, А.А. Молотков, В.П. Жуков, В.М. Мокиенко, Н.М. Шанский ва муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Б. Тилавов, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Ҳ. Ҳусейнов, М. Фозилов, Я.И. Калонтаров, Ф. Муродов, Ф.М. Турсунов, С. Алихонова, О.Ш. Иқболов, Ш.А Норов, А. Юнусӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, оид ба масъалаҳои муқоисавӣ ва лингвофарҳангӣ андешаҳои олимони тоҷик П. Ҷамшедов, О.О Муҳаммадҷонов, М. Аламшоев, А. Мирбобоев, С.Қ. Матробиён, М. Иматшоева, М. Броимшоева, М. Бобомуродова, Т. Ашӯрова ва дигаронро дар бар мегирад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия чун мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот, махсусан барои корҳои пажӯҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ метавонад мусоидат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самт метавонанд истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳои забоншиносӣ хидмат намоянд. Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия мумкин аст ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо, этнолингвистика ва забоншиносии фарҳангӣ, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD)

ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ оид ба мавзуи зарбулсамалу мақол, инчунин ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла И.М. Снегирев, А.А. Потебня, И.В. Дал, Ф.И. Буслаев, О. Широкова, М.А. Рибникова, В.П. Фелитсина, С.Г. Гаврин, А.М. Бабкин, Б. Камолиддинов, М. Фозилов, Я. И. Калонтаров, П. Ҷамшедов, О.О. Муҳаммадҷонов, М. Аламшоев, Ф. М. Турсунов, **асоснок карда шудааст**.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахониро дар муқоиса бо забони англисӣ аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ дар шакли диссертатсия ба таври мукаммал мавриди таҳқиқоти махсус қарор додааст. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоварӣ намудаи муаллиф хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Диссертант муаллифи 11 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 5 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 24-уми сентябри соли 2022, №19 дар бораи ба Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуд. Аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Ҳасанова Ш.Р.

24 сентябри соли 2022